**Намуна**

**«ТАСДИҚ КАРДА ШУД»**
Бо Қарори Маҷлиси муассисони
маслиҳатхонаи ҳуқуқии
__________________________________
аз «_____»_________ соли 2015

# ОИННОМАИ МАСЛИҲАТХОНАИ ҲУҚУҚӢ

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби мақомоти олии он қабул гардидааст, Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатӣ ва шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ буда, дар асоси шартномаи таъсисии адвокатҳо аъзоёни Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Номи Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ:
Ба забони точикӣ– Маслиҳатхонаи ҳуқуқии №__ё___
Ба забони русӣ – Юридическая консультация №__или ___
Ба забони англисӣ–---------------------------------------
Маҳалли ҷойгиршавӣ _____________________

Фаъолияти Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» Оинномаи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур ,санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, амалӣ мегардад.

## 2.ПРЕДМЕТ ВА МАҚСАДИ ФАЪОЛИЯТИ МАСЛИҲАТХОНАИ ҲУҚУҚӢ

2.1. Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои фаъолияти адвокатӣ буда, предмети фаъолияти он ин расонидани ёрии баландихтисоси ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дастрас будани он барои аҳолӣ дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.
2.2. Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ дар фаъолияти худ мустакил буда, дорои суратҳисоб, дигар ҳисобҳо дар бонкҳо, мӯҳр ва тамға бо номи худ мебошад.

2.3.Сарчашмаи ташкилшавии молу мулки Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро аъзоҳақиҳои воридшавӣ ба аъзогӣ-муассисон ва аъзоҳақии муассисон (аъзоён)-и он, ки ҳар моҳ аз тарафи онҳо ба миқдор ва тартиби муқаррарнамудаи Маҷлиси адвокатҳо ба Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ супорида мешавад ва дигар пардохтҳое, ки қонунгузории амалкунанда манъ накардааст, ташкил медиҳад.

## 3.ТАРТИБИ ИДРАКУНИИ МАСЛИҲАТХОНАИ ҲУҚУҚӢ

3.1.Мақоми Олии Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ маҷлиси муассисон (аъзоён)-и он мебошад. Маҷлиси Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ҳар сол як маротиба ва аз рӯи зарурат метавонад дар давоми сол якчанд маротиба даъват карда шавад.

Маҷлиси аъзоёни (муассисон) Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ дорои ваколатҳои зерин аст:

- Оинномаи Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро кабул ва ба он тағйироту иловаҳо ворид менамояд:
- мудири Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро ба муҳлати 4 сол интихоб менамояд, инчунин оид ба пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои аъзоён ва Мудири маслиҳатхона қарор қабул менамояд:
- аъзоёни навро аз ҳисоби адвокатҳои дар Феҳрасти ягонаи адвокатҳо –ба қайд гирифташуда қабул намуда, аз аъзогӣ бо асосҳои дар қонун пешбинишуда, хориҷ менамояд:
- андоза ва тартиби ҳаққи аъзогии аъзоёни Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро барои эҳтиёҷоти Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ муқаррар менамояд:
- сметаи хароҷотро барои таъмини фаъолияти Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ тасдиқ менамояд:
- ҷадвали воҳидҳои кории Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро тасдиқ мекунад:
- ҳисоботи Мудири Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро оиди иҷрои сметаи хароҷот барои таъмини фаъолияти Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ тасдиқ менамояд:
- маҳалли ҷойгиршавии Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро муайян мекунад:
- гузаронидани санҷиши молиявии Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро ҳар сол ба ӯҳдаи яке аз аъзоёни Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ супорида, аз натиҷаи он қарор қабул мекунад:
- дигар ваколатҳоро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо пешбинӣ намудаанд, амалӣ месозад.

## 4.МУДИРИ МАСЛИҲАТХОНАИ ҲУҚУҚӢ

4.1.Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро мудири Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ роҳбарӣ менамояд, ки ӯҳдадориҳо ва ваколатҳои зеринро дорад:

- кори Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро ташкил мекунад;
- аз рӯи бастани созишномаҳо бо шаҳрвандон барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва бастани шартномаҳо бо ташкилоту муассисаҳо барои хизмати ҳуқуқӣ назорат мебарад;
- адвокатҳоро барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ, дар асоси қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ё таъиноти суд таъин менамояд ва иҷроиши онро назорат мекунад;
- аз рӯи пардохти ҳақи хизмати адвокатҳо назорат мебарад;
- аз рӯи сифати кори адвокатҳо, гузаштани коромӯзии коромӯзон назорат намуда, барои дуруст ба роҳ мондани ин кор чораҳо меандешад;
- барои риоя намудани қоидаҳои дохилии ташкили меҳнат дар Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ чораҳо андешида, риоя намудани онро аз адвокатҳо талаб мекунад;
- барои сарфароз намудани адвокатҳо ба Мақомоти минтақавии ҷойи ҷойгиршавии Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ дархостҳо пешниҳод менамояд;
- шикояти шаҳрвандонро нисбати адвокатҳо, ки ба Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ворид гадидаанд, баррасӣ намуда, дар сурати ҳал намудани баҳс бо розигии тарафҳо, чунин шикоятҳоро ба қайд мегирад. Дар дигар ҳолатҳо шикоятҳоро ба Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ирсол намуда, ба санҷиши ин шикоятҳо аз тарафи Комиссияи интизомии Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ва Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо мусоидат мекунад;
- молу мулки Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро тибқи сметаи хароҷот ва таъинот ихтиёрдорӣ мекунад;
- иҷрои қарорҳо ва дастурҳои Иттифоқи адвокатҳо ва Мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳоро аз тарафи адвокатҳо таъмин месозад;
- фаъолияти методиро ба роҳ монда, таъминоти иттилоотии адвокатҳо ва мубодилаи таҷрибаи касбии адвокатҳоро байни худ ташкил мекунад;
- санҷиши фаъолияти касбии адвокатҳоро ба нақша гирифта, ин нақшаро барои тасдиқ ба маҷлиси адвокатҳо пешниҳод менамояд;
- иштироки адвокатҳоро дар кори фаҳмондадиҳӣ ва ташфиқоти қонунгузорӣ дар байни аҳолӣ ташкил мекунад;
- барои бозомузӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо мусоидат мекунад;

- кормандони дастгоҳи Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро ба кор қабул ва аз кор озод мекунад;
- ҳисботҳои статистикӣ ва молиявиро ба роҳ монда дар шакл ва мӯҳлати муқарраргардида аз кори Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ҳисоботҳоро пешниҳод менамояд;
- аз рӯи супоридани ҳақи аъзогӣ аз тарафи адвокатҳо ба Иттифоқи адвокатҳо назорат мебарад;
- дигар ваколатҳоро, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва Оинномаи Иттифоки адвокатҳо пешбинӣ намудаанд, амалӣ месозад.

4.2.Маҷлиси адвокатҳо дар сурати лозим шуморидан метавонад муовини мудири Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро ба муҳлати 4 сол интихоб намояд, ки дар вақти дар рухсатии меҳнатӣ, кори дигар, беморӣ ва ғайра қарор доштани мудир, муовини мудир ҳамаи ваколат ва ӯҳдадориҳои ӯро иҷро менамояд.

## 5.ТАРТИБИ ВОРИД ШУДАН БА АЪЗОГИИ МАСЛИҲАТХОНАИ ҲУҚУҚӢ

5.1. Ду ва зиёда адвакатҳое, ки дар Феҳрасти ягонаи адвокатҳо тибқи тартиби муқарраргардидаи қонун ба қайд гирифта шудаанд, метавонанд Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро таъсис дода, муассис ва аъзоёни он бошанд.

5.2. Шумораи муассисон ва адвокатҳои ба аъзогии Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ қабулшуда маҳдуд нест.

5.3.Баъди таъсиси Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ адвокатҳо метавонанд, барои қабул шудан ба аъзогии Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ба номи мудири Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ариза пешниҳод карда, масъалаи ба аъзогӣ қабул намуданро гузоранд ва он аз тарафи Маҷлиси адвокатҳо ҳал карда, қарори дахлдор қабул карда мешавад.Аъзои Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ, ки ба аъзоги қабул карда шудааст, вазифадор аст, ки дар муддати 10 рӯз аз рӯзи ба аъзогӣ қабул гардиданаш оиди ин ба Мақомоти минтақавии адвокатҳо хабар расонад.

## 6. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ АЪЗОИ МАСЛИҲАТХОНАИ ҲУҚУҚӢ

Аъзои Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ҳуқуқ дорад:

- дар интихоби мақомоти Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ иштирок намуда, ба ин мақомот интихоб шавад:
- дар назди мақомоти роҳбарикунандаи Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ масъалаҳоеро гузорад, ки ба фаъолияти онҳо дахл дорад, барои

беҳбудии кори он таклифҳо пешниҳод намояд ва дар муҳокимаи онҳо иштирок кунад:
- дар мавриди муҳокима намудани рафтори ӯ дар мақомоти Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ иштирок намояд:
- аз аъзогии Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқаррарамудаи қонун барояд.

6.2. Аъзои Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ уҳдадор аст:
- талаботи Оинномаи Иттифоқи авдокатҳо ва Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро риоя намояд;
- ҳар моҳ аъзоҳақиро тибқи тартиб ва ҳаҷми муқарраршуда, пардохт намояд;
- Қарорҳои мақомоти Иттифоқи авдокатҳо ва Маслиҳатхонаи ҳуқуқиро иҷро намояд.

## 7.ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ АЪЗОЁНИ МАСЛИҲАТХОНАИ ҲУҚУҚӢ

7.1. Барои намунавор иҷро намудани вазифаҳои касбии худ, кори дарозмуддат ва бенуқсон, фаъолияти хуби ҷамъиятӣ, аъзоёни Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ бо Қарори маҷлиси авдокатҳо, Раёсати Иттифоқи авдокатҳо ё мақомоти минтақавии Иттфоқи авдокатҳо ҳавасманд гардонида мешаванд. Чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва тартиби татбиқи онҳо бо Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо ва Оинномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян када мешавад.

7.2.Чораҳои ҳавасмандгардони аз инҳо иборат мебошанд:
- эълон намудани ташаккурнома;
- мукофотонидан бо Ифтихорнома ;
- пешниҳод намудан барои сарфароз гадонидан ба мукофотҳои давлатӣ.

Нисбати аъзоёни Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ дигар чораҳои ҳавасмангардонӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, татбиқ шуда метавонанд.

7.3. Қарор дар бораи ҳавасмандгардонии аъзоён, дар вазъияти тантанавор эълон карда мешавад.Чораҳои ҳавасмандгардонӣ нисбати коромӯзон ва ёрдамчиёни адвокат низ татбиқ шуда метавонад.

## 8.МАСЪУЛИЯТИ ИНТИЗОМИИ АЪЗОЁНИ МАСЛИҲАТХОНАИ ҲУҚУҚӢ

8.1. Барои вайрон кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо ва Оинномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки фаъолияти адвокатураро ба танзим медароранд, аъзоёни Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешаванд.Тартиби ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан, мӯҳлат ва чораҳои муҷозоти интизомӣ бо Низомномаи Комиссия интизомии Иттифоқи адвокатҳо ва бо Низомомаи Комиссияи интизомии мақомоти минтақавии Иттифоки адвокатҳо ба танзим даровarda мешавад.

8.2.Чораҳои муҷозоти интизомӣ аз инҳо иборатанд:

- сарзаниш;
- танбеҳ;
- хориҷ намудан аз аъзогии Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ.

Чораҳои интизомӣ нисбати ёрдамчӣ ва коромӯз-адвокат низ татбиқ карда мешаванд.

## 9.ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА ОИННОМАИ МАСЛИҲАТХОНАИ ҲУҚУҚӢ

Тағйироту иловаҳо ба Оинномаи Маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ аз ҷониби маҷлиси аъзоёни он тасдиқ карда шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба қайд гирифта мешавад.